# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» доир ба қабули диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи “Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Дар шароити муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои таълим, истифодаи самараноки компютер дар муҳити мактабӣ на танҳо воситаи омӯзиш, балки яке аз унсурҳои калидии ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ба техника ба ҳисоб меравад. Компютер ва воситаҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки раванди таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ ҷолиб, фаъол ва таҳлилӣ гардад. Аммо дар баробари ин, истифодаи нодурусти он метавонад ба саломатӣ ва одатҳои рафтории хонандагон таъсири манфӣ расонад.

Аз ин рӯ, омӯзгорон вазифадоранд, ки асосҳои методии истифодаи компютерро ба таври илмӣ ва дуруст ба роҳ монда, равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагонро дар ҷараёни таълим тарҳрезӣ ва татбиқ намоянд. Ин таҳқиқот ба омӯзиши чунин асосҳо ва тарзу усулҳои беҳсозии муносибати масъулонаи шогирдон ба компютер ва муҳити рақамӣ бахшида шудааст.

**Муҳиммияти мавзуъ:** Мубрамияти мавзӯи мазкур дар шароити тағйирёбандаи ҷомеаи муосир, ки бо суръати баланд рушд ёфтани технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши истифодаи компютер дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, бахусус дар маориф тавъам аст, аҳамияти хоса пайдо мекунад. Компютер ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таълимӣ, имкониятҳои густурдаеро барои баланд бардоштани сифати таҳсил ва фаъолияти эҷодии хонандагон фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, истифодаи ғайриҳадафманд ва беэҳтиётии он метавонад ба саломатӣ ва рушди зеҳнӣ ва иҷтимоии шогирдон таъсири манфӣ расонад.

Дар ин замина, зарурати омӯзиш ва таҳияи асосҳои методӣ ва равишҳои самараноки ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон нисбат ба истифодаи компютер дар раванди таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ

ҳамчун масъалаи мубрам ва саривақтӣ баррасӣ мегардад. Ислоҳоти ҷорӣ дар низоми маорифи кишвар, таваҷҷуҳи махсуси роҳбарияти давлат ба омӯзиши фанҳои дақиқ ва технологӣ, татбиқи технологияҳои муосир дар мактабҳо ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии иттилоотии насли наврас, далели равшани зарурати таҳқиқи амиқи ин масъала мебошад.

Ҳамзамон, фармоиши иҷтимоӣ барои тарбияи маърифатнок ва муносибати масъулонаи хонандагон ба истифодаи компютер, зарурати таҳияи усулҳои муассири методӣ, таҳия ва татбиқи технологияҳои таълимии мутобиқсозишуда, ва ҳамчунин таъмин намудани муҳити бехатар ва самарабахши таълимӣ, мавзӯи таҳқиқотро ба яке аз самтҳои муҳим ва зарурии тадқиқоти илмию амалии соҳаи маориф табдил медиҳад.

Таҳлили маводи илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи истифодаи компютер дар соҳаи маориф ва махсусан дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ дар тадқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷанбаҳои техникӣ, дидактикӣ ва равонӣ то андозае мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аммо мавзӯи муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон нисбат ба истифодаи компютер дар таълим, бо вуҷуди аҳамияти бузурги иҷтимоӣ ва педагогии он, то ҳол ҳамчун масъалаи марказии таҳқиқоти илмӣ пурра ва ҳамаҷониба таҳлил нагардидааст.

**Саҳми бевоситаи диссертант дар ин таҳқиқот**, маҳз дар он ифода меёбад, ки ӯ аввалин шуда масъалаи муносибати эҳтиёткорона ва ҷавобгаронаи хонандагонро ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ, ҳамчун самти мустақили омӯзиш, баррасӣ ва таҳлил менамояд. Диссертант кӯшиш кардааст, ки асосҳои назариявии зарурати муносибати эҳтиёткорона ба компютерро таҳқиқ ва асоснок кунад, мафҳум ва мазмуни муносибати эҳтиёткоронаро дар шароити таълими муосир муайян намояд; шароити методӣ ва равишҳои самараноки тарбия ва ташаккули чунин муносибатро дар хонандагон муайян ва таҳия намояд; ба воситаи таҳлили барномаҳо, таҷриба ва мушкилоти ҷойдошта ҳолати воқеии масъала дар МТМУ-ро нишон диҳад ва дар ниҳоят, пешниҳодоти амалӣ барои беҳтарсозии тарбияи иттилоотӣ ва муоширати бехатари хонандагон таҳия кунад.

Аз ин рӯ, навоварии асосии тадқиқоти диссертант, дар он ифода меёбад, ки бо назардошти сатҳи имрӯзаи рушди технология ва омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ, масъалаи муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ба истифодаи компютер на танҳо ҳамчун ҷузъи техникӣ, балки ҳамчун масъалаи иҷтимоиву тарбиявӣ ва методӣ баррасӣ шудааст.

**Мутобиқат ба шиносномаи ихтисос:** Диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ» ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат дорад. Зеро он масъалаҳои методӣ, дидактикӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии тарбия ва таълимро дар бар мегирад ва ба ҳалли мушкилоти муҳими соҳаи маориф равона шудааст. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 1,4,6,7-и шиносномаи ихтисоси 13.00.01 -Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ки дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 026 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» амал мекунад, мувофиқ буда, ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмӣ", ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Интишороти унвонҷӯ доир ба мавзуи таҳқиқот:** Натиҷаҳои асосии илмӣ, ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф нашр шудаанд, ки аз ин миён 3 мақола дар маҷаллаи илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Руссия ба нашр расидаанд. Махсусан, мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашррасида, дар таҳқиқи масъалаҳои мубрами марбут ба мавзуи таҳқиқ, аз ҷумла доир ба ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон нисбат ба васоити таълимӣ ҳамчун масъалаи мубрами педагогикаи мактабӣ, модели методии ташаккули муносибати эҳтиёткорона ҳангоми истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ, инчунин роҷеъ ба хусусиятҳои консепсияи муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми кор бо компютер бахшида шудаанд, ки ин мақолаҳо дарвоқеъ, инъикосгари паҳлуҳои муҳимми мавзуи таҳқиқ ё масалаҳои меҳварии вобаста ба мавзуъ мебошанд. Шумораи интишорот пурра бо талаботи банди 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқ мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои дар нази худ гузоштаро диссертант дар кори таҳқиқотии худ пурра иҷро кардааст, усулҳо ва методология ба мавзуъ мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои ҷамъбастӣ эътимоднонканд ва маълумоти пешниҳодшуда дақиқ мебошад.

**Автореферати диссертатсия** (дар шакли тоҷикиву русӣ) пурра мазмун ва муҳтавои кори илмиро фаро гирифтааст ва дар он истифодаи маводҳои

бидуни ишора ба муаллиф ё манбаъ ба назар намерасад. Фишурда ба талаботи банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мутобиқат мекунад. Нақшаи корӣ, мақсад, вазифаҳо, хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни корҳои ташхисӣ-озмоишӣ далели асосии ин гуфтаҳо мебошанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия:** Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки равиши методологии таҳқиқот пурра муайян ва таҳким ёфтааст, ки ба таҳияи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мусоидат менамояд. Амсилаи методологии пешниҳодшуда аз ҷиҳати назариявӣ таҳти таҳқиқ ва асоснок карда шудааст.

**Аҳамияти амалии тадқиқот**, пеш аз ҳама, дар таҳияи ин амсила мебошад, ки натиҷаҳои он метавонанд дар системаи тайёрӣ ва бозомӯзии муаллимон васеъ ва самаранок истифода шаванд.

Диссертатсияи Примов Муҳсин ба талаботи бандҳои 31-33-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, таҳти № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Тозагиҳои таҳқиқот:** Тозагии кори таҳқиқотӣ дар он аст, ки масъалаҳои асосии назарии истифодаи компютер ва беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар макотиби миёнаи умумӣ ба таври ҳамаҷониба баррасӣ шудаанд. Шароитҳои методологии асосҳои методӣ ва равишҳои беҳтарсозӣ дар равандҳои таълимӣ дақиқ муайян гардида, амсила ва шаклҳои татбиқи онҳо таҳия ва коркард шудаанд. Дар раванди таҳқиқот, методологияи пешниҳодшуда амалӣ ва шароити педагогии он ба таври муфассал тавсиф ёфтааст. Ҳамчунин, бо роҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ дурустии ва самаранокии амсилаи методӣ ва низоми истифодаи компютер барои ташаккули муносибати эҳтиёткорона дар хонандагон ба тасдиқ расидааст. Ин омилҳо шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот дорои тозагии илмӣ ва методологии баланд мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи методологияи илмӣ ва дастовардҳои илмҳои педагогӣ ва психологӣ таъмин шудааст. Барои расидан ба натиҷаҳои боэътимод, маҷмӯаи васеи методҳои эмпирикӣ ва назариявӣ бо назардошти мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот истифода гардида, намояндагӣ ва намунаҳои муқаррарӣ ва маълумоти таҷрибавӣ ҷорӣ шудааст. Омезиши таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ, инчунин табиати дарозмуд-

дат ва гуногунҷабҳаи таҳқиқот, эътимоди натиҷаҳоро боз ҳам тақвият медиҳад.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Примов М. дар мавзӯи «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ» таҳқиқоти мукаммал ва муассирест, ки асосҳои назарӣ ва методологиро дар бораи истифодаи компютер дар таълим таҳлил намуда, равишҳои амалиро барои беҳтарсозии муносибати хонандагон пешниҳод менамояд. Кори мазкур бо истифодаи усулҳои гуногун ва таҷрибаҳои амалӣ, инчунин таҳлили вазъи педагогӣ ва методӣ, нақши муҳим дар рушди таълими технологияҳои иттилоотӣ ва тарбияи муносибати эҳтиёткорона нисбати компютер дорад ва барои такмили сатҳи таълим ва фаъолияти омӯзгорон манбаи арзишманд мебошад.

Интихоби мавзуъ, сохтор, мазмун ва муҳтавои кор ба талаботи диссертатсияҳои номзади илмҳои педагогӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад. Бо назардошти банди 53-и “Низомнома оид ба Шуроҳои диссертатсионӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 таҳти №295 тасдиқ шудааст, комиссияи экспертӣ:

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи “Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ”, ки ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 026 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо роҳи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Назаров Аҳтам Пулотович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологиям информатсионй ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

- **Бобокалонов Сухроб Нозимович,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори раёсати тарбияи МДТ “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода”

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».**

4. Ба ҷойгир кардани эълон дар бораи ҳимоя дар сомонаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Ба чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент
узви Шурои диссертатсионӣ А. Азизов

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
узви Шурои диссертатсионӣ Файзализода Б.Ф.

мудири кафедраи системаҳои
бисёршабакавии телекоммуникатсионии
ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров,
н.и.и., дотсент У.Ӯ. Сайдуллоев

29. 07. 2025

**“Имзоҳои Азизов А., Файзализода Б.Ф. ва У.Ӯ.Сайдуллоевро тасдиқ мекунам”.**

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

*Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700,*
*ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1,*
*тел.: +992 92 805 7007, Email: zarrina_14.10.70@mail.ru*